# БЮЛЛЕТЕНИ

## КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# БЮЛЛЕТЕНЬ

## ВЫСШЕЙ АТТЕСТАЦИОННОЙ КОМИССИИ ПРИ ПРЕЗИДЕНТЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**2017(4)**

**БЮЛЛЕТЕН АЗ СОЛИ 2017 НАШР МЕШАВАД.**

**БЮЛЛЕТЕН ДАР ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН 03.07.2017 ТАҲТИ № 011/МҶ-97 САБТИ НОМ ШУДААСТ.
БЮЛЛЕТЕН ДАР ЯК СОЛ 4 МАРОТИБА ЧОП МЕШАВАД.**

**Сармуҳаррир:**

***Розиқзода А.Ш.*** – доктори илмҳои таърих, раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муовини сармуҳаррир:**

***Комилиён Ф.С.*** – доктори илмҳои физикаю математика, профессор, муовини раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Котиби масъул:**

***Халилов Ш.Б.*** – номзади илмҳои физикаю математика, котиби илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ҳайати таҳририя:**

***Бозоров Ш.*** – номзади илмҳои кишоварзӣ, мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои тиббӣ, байторӣ, фарматсевтӣ ва аграрии КОА

***Сайёдов И.Д.*** – номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарии КОА

***Гулаҳмадов Ҳ.Ш..*** – номзади илмҳои техникӣ, и.в. мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-риёзӣ ва техникии КОА

**Масъули чоп:**

***Шарифов Ҷ.***

# МУНДАРИҶА

Низомномаи Шӯроҳои экспертии Комиссияи
олии аттестатсионии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон ............................................................ 5
Положение об Экспертных советах
Высшей аттестационной комиссии при
Президенте Республики Таджикистан.................................... 28
Дастурамал оид ба тартиби баррасии масъалаҳои
додан, маҳрум сохтан ва барқарор намудани
унвонҳои илмӣ ва тартиби ба расмиятдарории
парвандаҳои аттестатсионии довталабони дарёфти
унвони илмӣ .........................................................................50
Инструкция о порядке рассмотрения вопросов
присвоения, лишения, восстановления ученых
званий и правилах оформления аттестационных
дел соискателей ученых званий............................................. 79
Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории
диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии
доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос,
номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо
ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи
диссертатсия ....................................................................... 107
Инструкция о порядке оформления
диссертации на соискание ученых степеней доктора философии (PhD), доктора по специальности, кандидата и
доктора наук, автореферата и публикаций по
теме диссертации................................................................ 126

Дастури экспертизаи диссертатсияҳои ба забони
хориҷӣ (англисӣ) омодагардида ............................................ 145
Регламент экспертизы диссертаций,
подготовленных на иностранном (английском) языке......... 152

Бо қарори Раёсати
Комиссияи олии
аттестатсионии
назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 25 маи соли 2017 2/5
тасдиқ шудааст.

# НИЗОМНОМАИ ШӮРОҲОИ ЭКСПЕРТИИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Низомномаи мазкур (минбаъд – Низомнома) тартиби таъсис ва ташкили фаъолияти шӯроҳои экспертии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КОА)-ро муқаррар намуда, уҳдадориҳо ва салоҳиятҳои онҳоро муайян мекунад.

2. Шӯрои экспертӣ (минбаъд - ШЭ) мақоми илмӣ–ҷамъиятии экспертӣ буда, барои баррасии масъалаҳои вобаста ба омодасозӣ ва аттестатсияи кормандони илмӣ ва илмӣ–омӯзгории тахассуси олӣ таъсис мегардад. ШЭ дар доираи салоҳияти худ диссертатсияҳоеро, ки дар шӯроҳои диссертатсионӣ ҳимоя шудаанд, аз экспертиза мегузаронад, хулоса ва тавсияномаҳоро барои Раёсати КОА оид ба масъалаи додани дараҷаи илмӣ таҳия менамояд, парвандаҳои аттестатсионии довталабони дарёфти унвонҳои илмӣ, инчунин, масъалаҳои ташкил ва фаъолияти шӯроҳои диссертатсионӣ, дигар масъалаҳои фаъолияти низоми аттестатсияи давлатиро баррасӣ менамояд.

3. Шӯроҳои экспертӣ аз рӯйи соҳаҳои илм аз ҳисоби олимон - мутахассисони пешбари соҳаҳои дахлдори илм, техника, маориф, фарҳанг, ки ба коркарди тавсияҳо ва амалигардонии онҳо аз рӯйи муҳимтарин самтҳои фаъолияти низоми аттестатсионии кормандони илмӣ ва илмӣ–омӯзгории тахассуси олӣ мусоидат мекунанд, ташкил мешаванд.

4. Шӯроҳои экспертӣ фаъолияти худро дар асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи экспертизаи илмӣ ва илмӣ-техникӣ” (12.01.2012, № 598,), “Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника”, (18.03.2015, № 1197), Низомномаи Муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” (17.06.2015, № 504),Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ, инчунин, Низомномаи мазкур ба роҳ мемонанд ва барои иҷрои вазифаҳои ба зиммаи онҳо гузошташуда масъулият доранд.

## 2. Вазифаҳои шӯрои экспертӣ

5. Вазифаҳои шӯрои экспертӣ аз инҳо иборат аст:

- экспертизаи илмии диссертатсияҳои ҳимояшуда ва баррасии тавсияномаҳо оид ба додани унвонҳои илмии дотсент, профессор;
- таъмин намудани талаботи ягона нисбат ба довталабони дарёфти дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ;
- экспертизаи мавод оид ба ташкил намудани шӯрои диссертатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва муассисаҳои илмӣ;
- назорати фаъолияти шӯроҳои диссертатсионӣ бо роҳи баргузор намудани мониторинги ҷаласаҳо ва санҷиши ҳуҷҷатгузории шӯроҳои диссертатсионӣ, инчунин, шӯроҳои илмӣ (илмӣ-техникӣ) дар бахши дарёфти унвонҳои илмии дотсент ва профессор;
- таҳлили натиҷаҳои корҳои диссертатсионӣ ва баҳодиҳии мутобиқати онҳо ба самтҳои афзалиятноки пешрафти илмӣ–техникӣ ва иҷтимоӣ;
- иштирок дар такмили низоми аттестатсияи кормандони илмӣ ва илмӣ–омӯзгории тахассуси олӣ бо дарназардошти тамоюлҳо ва дурнамои инкишофи илм, техника, маориф ва фарҳанг;
- баҳодиҳӣ ва таҳлили мутобиқати мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба самтҳои афзалиятноки инкишофи илмӣ-техникӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар, бо пешниҳоди ҳисоботи ҳарсолаи таҳлили мавзӯи диссертатсияҳои ҳимояшуда;
- иштирок дар коркард ва экспертизаи шиносномаҳои ихтисосҳо якҷо бо шуъбаҳои аттестатсионии дахлдори КОА;
- коркарди тавсияҳои ҳарсола барои КОА оид ба такмил додани Феҳристи ихтисосҳои кормандони илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

рӯйхати ихтисосҳое, ки аз рӯйи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд, инчунин, фаъолияти шӯроҳои диссертатсионӣ, аспирантура ва докторантураҳо;

- коркарди тавсияҳо оид ба шомил намудан дар номгӯйи нашрияҳои даврии илмӣ ва илмӣ-техникии мавҷуда, ки барои интишори натиҷаҳои асосии илмии диссертатсияҳо тавсия шудаанд, инчунин, ҳамасола гузаронидани бозрасии ин нашрияҳо аз ҷиҳати мутобиқати онҳо ба Қоидаҳои таҳияи феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо қарори Раёсати КОА аз 27.04.2017, №1/2 тасдиқ шудааст).

## 3. Ваколатҳои шӯрои экспертӣ

6. Шӯрои экспертӣ дорои ваколатҳои зерин аст:

- баррасии қарорҳои шӯроҳои диссертатсионӣ ва шӯроҳои илмӣ (илмӣ – техникӣ ) ва тайёр намудани тавсияномаҳо ба Раёсати КОА оид ба масъалаҳои додани дараҷаҳои илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, додани унвонҳои илмии дотсент ва профессор;
- таҳияи тавсияномаҳо доир ба ташкили шабакаи шӯроҳои диссертатсионӣ;
- баррасии мавод оид ба ташкил, тасдиқ ва тағйироти ҷузъии ҳайати шӯроҳои диссертатсионӣ, баргузор намудани ҳимояи якдафъаина ва тайёр кардани хулосаҳо оид ба мутобиқати онҳо ба талаботи муқарраршуда тибқи бандҳои 15 – 17 Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ;
- омода намудани хулосаҳо аз рӯйи шикоятҳо ба қарорҳои шӯроҳои диссертатсионӣ;
- омода намудани хулосаҳо доир ба масъалаҳои маҳрум (барқарор) намудани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор);
- омода намудани пешниҳодҳо ба КОА оид ба муайян кардани номгӯйи маҷаллаҳо ва нашрияҳои пешбар барои интишори натиҷаҳои асосии илмии муҳтавои диссертатсияҳо;
- гузаронидани экспертизаи илмии диссертатсияҳои ҳимояшуда ва парвандаҳои аттестатсионии довталабони дарёфти дараҷаҳои илмӣ, ки шомили баррасии масъалаҳои мутобиқати диссертатсия ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ихтисоси зикршуда, мубрам будани мавзӯи диссертатсия, мутобиқати он ба самтҳои афзалиятноки инкишофи

илм ва техника, навгониҳои илмӣ, боэътимод ва асоснок будани натиҷаҳои бадастомада, аҳамияти амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии онҳо меблшанд;

- баҳо додан ба асоснокии хулосаҳои шӯроҳои диссертатсионӣ оид ба диссертатсияҳо ва дар мавридҳои зарурӣ (агар хулосаи шӯрои диссертатсионӣ ба қадри кофӣ асоснок набошад) додани тавсияҳо ба Раёсати КОА доир ба баргардонидани хулоса ба шӯрои диссертатсионӣ барои коркарди такрорӣ;

- иштирок дар баррасии пешниҳодҳо оид ба такмили аттестатсияи кормандони илмӣ ва илмӣ-омӯзгории тахассуси олӣ ва Феҳристи ихтисосҳои кормандони илмӣ, инчунин, доир ба тайёр намудани шиносномаҳои ихтисосҳои илмӣ ва барномаҳои имтиҳонҳои ҳатмии номзадӣ;

- иштирок дар коркарди дурнамои талаботи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кормандони илмӣ ва илмӣ-омӯзгории тахассуси олӣ ва пешниҳоди ҳисоботи дахлдори ҳарсола ба Раёсати КОА;

- иштирок дар баррасии пешниҳодҳо, аризаҳо ва шикоятҳои шаҳрвандон;

- бо супориши Раёсат ва роҳбарияти КОА баррасӣ намудани масъалаҳои дигари вобаста ба аттестатсияи кормандони илмӣ ва илмӣ-омӯзгорӣ;

- баррасии дархосту тавсияномаҳои муассисаҳо ва аризаҳои шахсӣ доир ба баробарарзишии (нострификатсияи) дипломи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм, доктори илм ва аз рӯйи масъалаи мазкур тайёр намудани тавсияҳо ба Раёсати КОА;

- бозрасӣ намудани риояи талаботи муқарраргардидаи маросими ҳимояи диссертатсия ва қоидаҳои баргузории имтиҳонҳои ҳатмии номзадӣ, ба роҳбарияти КОА пешниҳод намудани номзадҳо барои шомил намудан ба ҳайати комиссия оид ба санҷиши фаъолияти онҳо;

- дар мавриди ба охир расидани мӯҳлати ваколат ба Раёсати КОА пешниҳод намудани ҳисоботи ҷамъбастӣ доир ба фаъолияти ШЭ.

## 4. Ҳуқуқҳои шӯрои экспертӣ

7. Ба шӯрои экспертӣ чунин ҳуқуқҳо дода мешавад:

- ба воситаи Раёсати КОА аз муассисаҳое, ки дар он ҷо диссертатсия иҷро шудааст ва экспертизаи муқаддамотии

диссертатсия гузаронида шудааст, амалисозии натиҷаҳои он сурат гирифтааст, инчунин, аз шӯроҳои диссертатсионӣ ва довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дархост намудани маводи иловагии зарурӣ барои экспертизаи диссертатсия;

- дар ҳолатҳои зарурӣ ба Раёсати КОА додани тавсияҳо дар бораи ба шӯроҳои диссертатсионӣ барои коркарди минбаъда баргардонидани хулосаҳои ба қадри кофӣ асоснокнабуда;

- ба ҷаласаҳои ШЭ даъват намудани довталабони дарёфти дараҷаҳои илмӣ, роҳбарони шӯроҳои диссертатсионие, ки дар онҳо ҳимояи диссертатсияҳо гузаштааст, ё ки тақризи дастаҷамъии онҳо сурат гирифтааст, муқарризони расмӣ, роҳбарони илмӣ ва мушовирони илмӣ, намояндагони муассисаҳои тақриздиҳанда, инчунин, ашхоси дигаре, ки иштироки онҳо барои баррасии масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа зарур аст;

- дар мавриди дар ҳайати ШЭ набудани муттахассиси дахлдор оид ба самти илмии диссертатсияи баррасишаванда ё аъзои ШЭ мувофиқи бандҳои 26 - 30 Низомнома ҳуқуқи экспертизаи диссертатсияро надоранд, ё дар мавриди зарурати экспертизаи иловагӣ бо қарори роҳбарияти КОА барои ширкат дар ҷаласаи ШЭ бо овози ҳалкунанда метавонад экспертҳои иловагӣ ҷалб намояд;

- ҳангоми баррасии диссертатсияҳои оид ба соҳаҳои муҷовири илм иҷрошуда баргузор намудани ҷаласаҳои муштарак бо дигар шӯроҳои экспертӣ;

- дар мавридҳои зарурӣ барои дарёфти хулосаҳои иловагӣ тавсия додан ба Раёсати КОА оид ба ирсоли диссертатсияҳо ба дигар шӯроҳои диссертатсионии ба тахассуси диссертатсия мувофиқбудаи кишвар ё ба мутахассисони давлатҳои дигар;

- дар ҷаласаҳои худ шунидани ҳисоботи роҳбарони шӯроҳои диссертатсионӣ, пешниҳод намудани тавсиянома ба Раёсати КОА оид ба мақсаднок будани фаъолияти минбаъдаи шӯрои диссертатсионӣ;

- ҳангоми зарурат фиристодани намояндагони худ аз ҳисоби аъзои ШЭ барои иштирок дар ҷаласаҳои шӯроҳои диссертатсионӣ ва шӯроҳои олимон (илмӣ-техникӣ);

- якҷо бо кормандони шуъбаҳои аттестатсионии КОА иштирок намудан дар санҷишҳои фаъолияти шӯроҳои диссертатсионӣ аз тариқи иштирок дар ҷаласаҳои шӯроҳои диссертатсионӣ, таҳлили ҳисобот ва шунидани маърӯзаҳои раисони шӯроҳои диссертатсионӣ доир ба корҳои иҷрошуда;

- гузаронидани ҷаласаҳои сайёр дар муассисаҳое, ки дар назди онҳо шӯроҳои диссертатсионӣ амал мекунанд;

- ҳангоми зарурат, дар мавриди аттестатсияи такрории кормандони илмӣ ва илмӣ–омӯзгорӣ барои хулосаҳои иловагӣ ба Раёсати КОА тавсия намудани ирсоли диссертатсияҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дараҷаи илмиро дар дигар кишварҳо дарёфт намудаанд, ба шӯроҳои диссертатсионии марбута.

## 5. Тартиби таъсиси шӯрои экспертӣ

8. Шӯроҳои экспертӣ аз тарафи Раёсати КОА аз рӯйи соҳаҳои илм ё гурӯҳи ихтисосҳои соҳаҳои илми дахлдор мутобиқи Феҳристи ихтисосҳои кормандони илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда мешаванд, ки бо қарори Раёсати КОА тасдиқ шуда ва аз рӯйи он кормандони илмии тахассуси олӣ тайёр карда мешаванд.

9. ШЭ аз ҳисоби олимони пешбари соҳаи мушаххаси илм бо дарназардошти тавсияномаҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва муассисаҳои илмӣ таъсис дода мешавад.

10. Ҳайати ШЭ дар асоси тавсияномаҳои шуъбаҳои аттестатсионии КОА бо дарназардошти пешниҳодоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, пажӯҳишгоҳҳо ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ, вазоратҳо ва муассисаҳои марбутае, ки дар онҳо асосноккунии зарурати ба ШЭ шомил намудани мутахассисон аз рӯйи ихтисоси мушаххаси соҳаи илми марбута нишон дода шудааст, таъсис дода мешавад.

11. Мутобиқати мутахассисоне, ки ба ҳайати ШЭ шомил шудаанд, ба ихтисосҳо ва соҳаҳои илми шӯрои мазкур бояд бо дипломи дараҷаи илмӣ, автореферати диссертатсия ва (ё) интишороти илмии онҳо тасдиқ гардад. Мутахассисе, ки ба ҳайати ШЭ бояд шомил шавад, шиносномаи мутахассисро пур мекунад (Замимаи 1 ).

12. Қарор дар бораи таъсиси ШЭ, муҳлати ваколатҳои он, ҳайати шахсӣ, рӯйхати ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо ҳуқуқи гузаронидани экспертизаи диссертатсияҳо ва корҳои аттестатсионии довталабонро дорад, аз ҷониби Раёсати КОА қабул мешавад.

13. Шумораи шӯроҳои экспертӣ ва ҳайати шахсии онҳо аз ҷониби Раёсати КОА, бо таҷдиди ҳайати ШЭ як маротиба дар ду сол тасдиқ карда мешавад ва бо фармони раиси КОА ба расмият

дароварда мешавад. Як шахс наметавонад зиёда аз ду муҳлат раиси ШЭ таъйин шавад.

14. Дар муҳокимаи номзадии олимон ҳангоми ташкил намудани ҳайати ШЭ раиси КОА, муовини раис, саркотиби илмӣ, роҳбарони шуъбаҳои аттестатсионии дахлдори КОА иштирок мекунанд. Аз рӯйи натиҷаҳои муҳокима, шуъбаи аттестатсионии КОА лоиҳаи қарори дахлдори Раёсати КОА - ро таҳия мекунад.

15. Шумораи ҳайати ШЭ бояд на камтар аз 7 нафар бошад. Раиси ШЭ, муовинони ӯ ва котиби илмӣ наметавонанд корманди як ташкилот ва ё муассиса бошанд.

16. Шумораи аъзои ШЭ аз як ташкилот набояд аз 30% шумораи умумии аъзои ШЭ зиёд бошад.

17. Ба ҳайати ШЭ докторони илм, ки дар КОА аттестатсияи такрориро гузаштаанд, инчунин, ба таври истисно доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзадҳои илм, ки ҳамчун мутахассиси варзидаи соҳаи худ эътироф шудаанд, дорандагони унвони илмии дотсент бо ҳуқуқи овози ҳалкунанда дар баррасии ҳамаи масъалаҳои вобаста ба салоҳияти ШЭ, ғайр аз баррасии диссертатсияҳои докторӣ, дохил мешаванд.

18. Котиби илмии ШЭ метавонад доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос ё номзади илм бошад.

19. Кормандони басти кории КОА, аъзои Раёсати КОА, аъзои ҳайати мушовараи КОА, раисон ва котибони илмии шӯроҳои диссертатсионии ба самти ШЭ мувофиқ, инчунин, роҳбарони мақомоти давлатӣ наметавонанд аъзои ШЭ бошанд. Дар ҳайати ШЭ на зиёда аз се (3) узви як шӯрои диссертатсионӣ шомил буда метавонанд.

20. Узви ШЭ метавонад ба ҳайати на бештар аз ду ШЭ, ки аз рӯйи соҳаи илм, ё гурӯҳи ихтисосҳои соҳаи илми марбута таъсис шудаанд, шомил шавад.

21. Узви ШЭ метавонад на бештар аз се ихтисоси ҳамон як соҳаи илмро намояндагӣ кунад.

22. Узви ШЭ наметавонад муқарриз расмӣ ё коршиноси муассисаи тақриздиҳанда бошад.

## 6. Тартиби гузаронидани ҷаласаҳои шӯрои экспертӣ

23. Ҷаласаҳои ШЭ бо роҳбарии раис ва дар сурати ҳузур надоштани ӯ – муовини раис гузаронида мешавад. Ҳангоми ҳузур надоштани раиси ШЭ ва муовини ӯ бо қарори раиси КОА ё

муовини ӯ иҷрои вазифаи раис дар он ҷаласа ба зиммаи яке аз аъзои он вогузор мегардад.

24. Ҷаласаи ШЭ босалоҳият ҳисобида мешавад, агар дар кори он на камтар аз се ду ҳиссаи ҳайати он ҳузур дошта бошад.

25. Ҳузури он узви ШЭ, ки ба ӯ омода намудани масъалаи баррасишаванда дар ҷаласа (минбаъд – эксперт) супорида шудааст, ҳатмист.

26. Узви ШЭ ҳуқуқи гузаронидани экспертизаи диссертатсияро надорад, агар ӯ:

- роҳбари муассисае бошад, ки дар он ҷо таҳқиқоти диссертатсионӣ гузаронида шудааст, ё корманди воҳиди сохтории муассисае бошад, ки дар он ҷо довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ кор мекунад;

- ҳаммуаллифи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ бошад ё ҳамиҷрокунандаи мавзӯи илмӣ-таҳқиқотие бошад, ки маводи он дар диссертатсия истифода шудааст;

- раиси семинари илмии воҳиди сохторӣ ё раиси шӯрои олимон (шӯрои илмӣ-техникӣ)-и (минбаъд – маҷлиси илмӣ) муассисае бошад, ки дар он ҷо экспертизаи диссертатсия дар марҳилаҳои пешина гузаронида шудааст;

- эксперте, ки барои омода сохтани хулоса оид ба диссертатсия дар марҳилаҳои пешинаи баррасии он, таъйин шуда буд;

- узви шӯрои диссертатсионие бошад, ки дар он диссертатсия ҳимоя шудааст;

- роҳбари илми (мушовири илмӣ) –и довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, инчунин, агар ӯ бо довталаб ва роҳбари илми (мушовири илмӣ)-и ӯ робитаи хешу табории наздик ё қаробат (волидайн, ҳамсарон, бародарон, хоҳарон, писарон, духтарон, инчунин, бародарон, хоҳарон, волидайн ва фарзандони ҳамсарон) дошта бошад;

- узви маҷлиси илмие бошад, ки дар он дархости тақризи ташкилоти тақриздиҳанда баррасӣ шудааст.

27. Дар ҷаласа метавонанд бидуни ҳуқуқи овози ҳалкунанда роҳбарон, аъзои ҳайати мушовараи КОА, аъзои Раёсати КОА, инчунин, шахсоне, ки барои иштирок дар ҷаласа аз ҷониби раиси ШЭ даъват шудаанд, иштирок кунанд.

28. Котиби илмии ШЭ на дертар аз 3 рӯзи тақвимӣ пеш аз гузаронидани ҷаласа, аъзои ШЭ-ро дар бораи санаи гузаронидани ҷаласа огоҳ мекунад, экспертҳои таъйиншударо бошад, дар бораи супоришҳои ба онҳо додашуда оид ба таҳия намудани ҳуҷҷатҳои

зарурӣ, огоҳ мекунад. Шуъбаи аттестатсионии марбутаи КОА даъватномаҳои ҷаласаро ба аъзои ШЭ, ки берун аз шаҳр сукунат доранд, ирсол менамояд.

29. Дар оғози ҷаласа раис доир ба мавҷуд будани ҳадди нисоб (кворум) барои салоҳиятнокии баргузории ҷаласа ба аъзои ШЭ иттилоъ медиҳад ва рӯзномаи ҷаласаро эълон мекунад.

30. Аъзои ШЭ, ки дар банди 26–и Низомнома зикр шудаанд, дар муддати баррасии масъалаи дахлдор аз рӯйхати ҳайати ШЭ хориҷ гардида, дар ҷаласа иштирок намекунанд.

31. Қарорҳои ШЭ ба тариқи овоздиҳии ошкор ё пӯшида қабул карда мешаванд.

32. Оид ба масъалаи тасдиқ намудани қарорҳои шӯроҳои диссертатсионӣ аз рӯйи диссертатсияҳо овоздиҳии пӯшида дар сурате гузаронида мешавад, ки дар раванди экспертиза тақризҳои манфӣ аз рӯйи он ба ШЭ ворид шуда бошад, ё ҳадди ақал, як узви ШЭ дар ин хусус дархост пешниҳод намояд. Аз рӯйи дигар масъалаҳо овоздиҳии пӯшида дар мавриде гузаронида мешавад, ки чунин дархост аз ҷониби ақаллан як узви ШЭ пешниҳод шуда бошад.

33. Ҳангоми қабули қарор ҳар як узви ШЭ бояд муносибати худро ба масъалаи мавриди баррасӣ қарордошта бо додани раъйи “тарафдор” ё “муқобил” муайян намояд.

34. Қарор дар ҳолате қабулшуда ҳисоб мешавад, ки ба ҷонибдории он на камтар аз се ду ҳиссаи аъзои шӯрои экспертии дар ҷаласа иштирокдошта овоз дода бошанд. Ин шумора набояд камтар аз 50% ҳайати умумии ШЭ бошад.

35. Муҳтавои маводи пешниҳодшуда, ҷараёни муҳокимаи масъалаҳо дар ҷаласаи ШЭ ва қарорҳои қабулнамудаи ШЭ махфӣ буда, набояд фош шаванд.

36. Бо қарори роҳбари шуъбаи аттестатсионии КОА корманди ҳамин шуъба сабти овозии (видеоии) ҷаласаи ШЭ-ро мегузаронад, ки дар шуъбаи аттестатсионии КОА маҳфуз дошта мешавад ва он набояд ифшо шавад. Сабти мустақилонаи овозӣ (видеоӣ) аз тарафи аъзои ШЭ ва шахсони ба ҷаласа даъватшуда манъ аст.

37. Котиби илмии ШЭ протоколи ҳар як ҷаласаро тартиб дода, онро ба шуъбаи аттестатсионии марбутаи КОА, на дертар аз панҷ рӯзи баъди баргузории ҷаласа месупорад. Ба протокол варақа бо имзои ҳозирини ҷаласаи аъзои ШЭ (варақаи ҳузур) (Замимаи 2 ҳамин Низомнома) замима мегардад.

38. Муҳлати баррасии парвандаҳои аттестатсионӣ дар ШЭ аз рӯзи ирсоли онҳо ба ШЭ ҳисоб карда мешавад. Зимнан, муҳлати баррасии парвандаҳои аттестатсионӣ барои додани (аттестатсияи такрорӣ) дараҷаи илмии доктори илм ва дарёфти унвони илмии профессор набояд аз 5 моҳ зиёд бошад; муҳлати баррасии парвандаҳои аттестатсионӣ барои додани (аттестатсияи такрорӣ) дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва дарёфти унвони илмии дотсент, набояд аз 3 моҳ зиёд бошад.

39. Муҳлати баррасии мавод оид ба ташкил ва роҳандозии кори шӯроҳои диссертатсионӣ дар ШЭ набояд аз 2 моҳ зиёд бошад.

40. Муҳлати баррасии шиносномаҳои ихтисосҳои пешниҳодшуда дар ШЭ бояд аз 2 моҳ зиёд набошад.

41. Муҳлати баррасии мавод дар ШЭ аз рӯзи ба ШЭ ирсол гардидани он ҳисоб карда мешавад ва мумкин аст аз ҷониби Раёсати КОА бо дархости шуъбаи аттестатсионӣ дар сурати ирсоли диссертатсия барои тақризи беруна, ё ба миён омадани ҳолатҳои баҳснок тамдид шавад. Моҳҳои июл – август аз муҳлати умумии баррасии дар бандҳои 38 – 40 Низомнома зикршуда истисно мегарданд.

42. Дар мавриди барои такмил додан баргардонидани маводи диссертатсия ба шӯрои диссертатсионӣ, давраи баррасии диссертатсия дар шӯроҳои диссертатсионӣ аз муҳлати пешбинишуда барои баррасии диссертатсия дар КОА, истисно мегардад.

43. Раис, муовини раис, котиби илмӣ ва аъзои ШЭ наметавонанд дар дилхоҳ марҳилаи баррасии диссертатсия то ҳимояи он муқарризи расмии диссертатсия таъйин бишаванд, тақриз нависанд ва ба он баҳо диҳанд.

## 7. Маросими гузаронидани экспертизаи диссертатсияҳо

44. Раиси ШЭ то оғози ҷаласа дар шуъбаи дахлдори аттестатсионии КОА бо рӯзномаи ҷаласа ва маводи барои баррасӣ омоданамудаи кормандони шуъбаи мазкур ошно мешавад.

45. Шуъбаи аттестатсионии КОА бо раиси ШЭ санаи баргузории ҷаласаро мавофиқа ва таъйин мекунад, барои омода намудани тақризҳо ва хулосаҳо аз рӯйи диссертатсияҳо ва парвандаҳои аттестатсионии довталабони дарёфти дараҷаҳо ва унвонҳои илмӣ эксперт таъйин мекунад, аъзои ШЭ-ро барои гузаронидани экспертиза ва дар мавриди зарурат такмили

шиносномаҳои ихтисосҳо, инчунин, тайёр намудани дигар масъалаҳое, ки барои баррасӣ дар ҷаласаи ШЭ ба нақша гирифта шудаанд, вазифадор мекунад.

46. Экспертҳои таъйиншуда вазифадоранд, ки бо маводи марбут ба масъалаҳои ба онҳо супоридашуда дар шуъбаи дахлдори аттестатсионии КОА шинос шаванд ва ба ҷаласаи ШЭ лоиҳаҳои хулосаҳоро омода намоянд.

47. Ҳангоми ворид шудани тақризи манфӣ ба диссертатсия ба довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ба таври хаттӣ ё электронӣ огоҳинома фиристода мешавад. ШЭ дар мувофиқа бо роҳбарияти КОА дар ин маврид метавонад диссертатсияро ба экспертизаи иловагӣ ирсол намояд, инчунин, метавонад ба ҷаласаи худ довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, роҳбарони илмӣ (мушовирон), аъзои шӯрои экспертии шӯроҳои диссертатсионӣ, ки оид ба диссертатсия хулоса пешниҳод кардаанд, даъват намояд.

48. Дар мавриде, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ба ҷаласаи ШЭ даъват мешавад, шуъбаи аттестатсионии КОА бояд ӯро 10 рӯз пеш аз ҷаласа бо муҳтавои хулоса оид ба диссертатсияи ӯ шинос намояд.

49. Диссертатсияҳое, ки дар пайвандгоҳи ихтисосҳо ё соҳаҳои илм иҷро шудаанд, бояд дар ҷаласаҳои муштараки шӯроҳои экспертӣ аз рӯйи ихтисосҳои дахлдор баррасӣ гарданд.

50. Дар ҷаласаи ШЭ ғайр аз мудири шӯъбаи аттестатсионӣ, бояд корманди басти кории ҳамин шӯъбаи КОА, ки таъмини ташкилӣ–техникии фаъолияти ШЭ-ро амалӣ мекунад ва ҳамроҳ бо котиби илмии ШЭ барои мукаммалӣ, ҳифозати парвандаҳои аттестатсионӣ ва баррасии саривақтии онҳо масъул мебошад, баҳисобгирии фаъолияти аъзои ШЭ-ро дар ҷаласаҳо роҳандозӣ мекунад, ширкат намояд.

51. Ба ҷаласаи ШЭ бо қарори он ва дар мувофиқа бо роҳбарияти КОА, бо ҳуқуқи овози машваратӣ аъзои дигар шӯроҳои экспертӣ, олимон ва мутахассисоне, ки ба ШЭ барои баррасии масъала заруранд, метавонанд даъват шаванд. Иштироки шахсони дигар дар ҷаласаҳои ШЭ танҳо бо иҷозати раис, муовини раис ва саркотиби илмии КОА муҷоз мебошад.

52. Эксперт оид ба диссертатсияи баррасишаванда мутобиқи Замимаи 3 ҳамин Низомнома хулоса омода мекунад.

53. Дар мавриди баҳои мусбат гирифтани диссертатсия аз ҷониби эксперт, инчунин, мавҷуд набудани эродҳо ба хулосаи шӯроҳои диссертатсионӣ диссертатсия барои баррасӣ ба ШЭ оид ба

тайёр намудани тавсияномаи дахлдор ба Раёсати КОА пешниҳод карда мешавад.

54. Дар мавриди барои коркарди иловагӣ баргардонидани хулосаи шӯрои диссертатсионӣ, хулосаи аз ҷониби шӯрои диссертатсионӣ такмилшударо ШЭ, такроран, баррасӣ менамояд.

55. Дар мавриди пайдо шудани андешаҳои манфӣ оид ба диссертатсия аз ҷониби эксперт, ӯ ба ШЭ барои баррасӣ тақризи хаттӣ пешниҳод мекунад, ки дар он бояд баҳои натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия, таҳлили эродҳои муқарризон ва муассисаи муқарриз, асоснокии сабабҳоеро, ки аз рӯйи онҳо диссертатсияи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ бояд рад гардад, нишон дода шавад.

56. Дар мавриди муқаррар гардидани номувофиқатии диссертатсия ба ихтисоси эълоншуда ШЭ барои Раёсати КОА хулосаро бо тавсияномаи дахлдор омода мекунад.

57. Агар диссертатсияи аз рӯйи ду ихтисос ё ду соҳаи илм пешниҳодшуда танҳо аз рӯйи яке аз онҳо навгонии илмӣ дошта бошад, ШЭ метавонад ба Раёсати КОА тавсия кунад, ки дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ё доктори илм танҳо аз рӯйи як ихтисос дода шавад.

58. Диссертатсияе, ки экспертизаро дар ШЭ гузаштааст, дар ҳолатҳои зарурӣ мумкин аст аз ҷониби раиси КОА барои экспертизаи иловагӣ ирсол гардад.

59. Агар натиҷагириҳои эксперти беруна бо тавсияҳои ШЭ мувофиқат накунанд, диссертатсия ба ШЭ барои баррасии иловагӣ бо дарназардошти натиҷаҳои экспертизаи иловагӣ баргардонида мешавад. Ин баррасӣ дар ҷаласаи ШЭ бо иштироки яке аз роҳбарони КОА ё аъзои Раёсати КОА ба анҷом расонида мешавад.

60. Агар тақризи эксперт оид ба диссертатсия, ё тақризе, ки дар натиҷаи экспертизаи иловагӣ қабул шудааст, дорои эродҳои таъсиргузор ба баҳодиҳии диссертатсия бошад, ШЭ довталаби дарёфти дараҷаи илмиро бо ин эродҳо шинос мекунад, аз ӯ посухҳои хаттӣ талаб намуда, пас аз гирифтани посухҳо, дар сурати зарурат ӯро дар ҷаласаи худ мешунавад.

61. Пас аз муҳокимаи ҳаматарафаи диссертатсия ва тақризҳои экспертҳо, ШЭ оид ба масъалаи додани дараҷаи илмӣ овоздиҳӣ мегузаронад. Дар мавриди гузаронидани овоздиҳии пӯшида варақаҳои овоздиҳӣ (Замимаи 4) аз ҷониби аъзои ШЭ пур карда мешаванд, протоколи ҷаласаи комиссияи ҳисоб (Замимаи 5) аз ҷониби худи комиссияи ҳисоб ба расмият дароварда мешавад.

62. Натиҷаҳои овоздиҳии пӯшида ба протоколи ҷаласаи комиссияи ҳисоб ворид карда мешавад. Натиҷаҳои овоздиҳии пӯшида ба тариқи овоздиҳии ошкор бо шумораи аз нисф зиёди овозҳо тасдиқ мешавад.

63. ШЭ ба тариқи овоздиҳии ошкор тасвиди хулосаи диссертатсияро, ки барои баррасӣ ба Раёсати КОА пешниҳод мешавад, қабул мекунад.

64. Агар аз рӯйи натиҷаҳои овоздиҳӣ ШЭ рад кардани дархостнома оид ба додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ё доктори илмро тавсия диҳад, дар хулоса бояд асосҳое, ки боиси қабул шудани қарори манфӣ гардидаанд, нишон дода шаванд.

65. Нусхаҳои тақризҳо, хулосаи ШЭ ва эксперт, инчунин, посухи хаттии довталаби дараҷаи илмӣ ба эродҳое, ки дар тақризҳо нишон дода шудаанд, ба протоколи ҷаласаи ШЭ замима мешаванд. Нусхаи асли ҳуҷҷатҳои номбаршуда ба парвандаи аттестатсионии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ замима мегарданд.

66. Баррасии масъалаҳо доир ба аттестатсияи такрории (баробарарзишии) дипломҳои дараҷаҳои илмӣ аз тарафи ШЭ бо ҳамон тартиби додани дараҷаҳои илмӣ амалӣ мегардад.

67. Парвандаҳои аттестатсионии аз тарафи ШЭ баррасишударо мудири шуъбаи дахлдори аттестатсионии КОА ба ҷаласаи Раёсати КОА пешниҳод мекунад.

68. Дар мавридҳои истисноӣ бо қарори раиси КОА пешниҳод намудани хулосаи ШЭ дар ҷаласаи Раёсати КОА мумкин аст, ба уҳдаи раиси ШЭ, ё корманди пешбари шуъбаи дахлдори аттестатсионии КОА вогузор карда шавад.

## 8. Маросими баррасии парвандаҳои аттестатсионии довталабони дарёфти унвонҳои илмӣ

69. Барои баррасии парвандаи аттестатсионии довталаби дарёфти унвони илмӣ, ки ба ШЭ ирсол шудааст, раиси ШЭ дар мувофиқа бо шуъбаи аттестатсионӣ аз ҳисоби аъзои ШЭ экспертҳоро таъйин мекунад.

70. Корманди воҳиди сохтории муассисае, ки довталаби дарёфти унвони илмиро ба дарёфти унвони илмӣ пешниҳод намудааст, ҳаммуаллифи интишороти довталаби дарёфти унвони илмӣ, ё ки шахсони бо ӯ робитаҳои хешутаборидошта эксперт буда наметавонанд.

71. Эксперт дар асоси таҳлили ҳуҷҷатҳои парвандаи аттестатсионии довталаби дарёфти унвони илмӣ, интишороти таълимӣ-методӣ ва илмии ӯ лоиҳаи хулосаи худро омода мекунад. Хулоса бояд баҳодиҳии сатҳи тахассусии илмӣ–омӯзгории довталаби дарёфти унвони илмӣ ва ба талаботе, ки барои довталабони дарёфти унвони илмии дахлдор муқаррар гардидааст, ҷавобгӯ будани ӯро дар бар гирад.

72. Баррасии парвандаи аттестатсионии довталаби дарёфти унвони илмӣ дар ҷаласаи ШЭ бо ширкати корманди шуъбаи дахлдори аттестатсионии КОА баргузор мегардад. Дар асоси хулосаи пешниҳоднамудаи эксперт ШЭ қарор мекунад, ки дар он ба Раёсати КОА доир ба додани унвони илмӣ ба довталаби дарёфти унвони илмӣ, тавсия мешавад.

73. ШЭ дар хулосаи худ бояд аҳаммияти таълифоти илмӣ ва таълимӣ–методии довталаби дарёфти унвони илмӣ, мутобиқати маводи пешниҳодшуда ба ихтисосе, ки ӯ довталаби он аст, инчунин, маълумоти дигаре, ки ӯро ҳамчун мутахассиси баландихтисос муаррифӣ мекунанд ва тавсияҳоро доир ба додани унвони илмии дотсент, профессор нишон диҳад.

74. Нусхаи протоколи ҷаласа ва хулосаи ШЭ доир ба масъалаи додани унвони илмӣ ба довталаби дарёфти унвони илмӣ, ки раис ва котиби илмии ШЭ имзо кардаанд, дар муҳлати 5 рӯзи баъди баргузории ҷаласаи ШЭ ба шуъбаи марбутаи аттестатсионии КОА ирсол мегардад.

75. Парвандаҳои аттестатсионӣ барои додани унвони илмии дотсент ба шахсони дорандаи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм танҳо дар ҳолатҳои баҳснок ба ШЭ барои баррасӣ вогузор мешаванд. Дар мавридҳои дигар ин парвандаҳо дар шуъбаҳои марбутаи аттестатсионӣ баррасӣ мешаванд ва дар мавриди мутобиқати маводи пешниҳодшуда ба талаботи КОА, ба Раёсати КОА барои тасдиқ пешниҳод мешаванд.

## 9. Баррасии дигар масъалаҳои ба салоҳияти шӯрои экспертӣ шомилбуда

76. ШЭ ба Раёсати КОА тавсияномаҳоро оид ба таъсиси шӯрои диссертатсионӣ, тамдиди муҳлати ваколати он, бо нишон додани ихтисосҳо ва соҳаҳои илме, ки аз рӯйи онҳо ба шӯро ҳуқуқи

гузаронидани ҳимояи диссертатсияҳо вогузор гардидааст, инчунин, бо нишон додани ҳайати шахсӣ ва шумораи он, омода мекунад.

77. Дар хулосаи ШЭ бояд маълумот оид ба мавҷуд будани дастовардҳои назарраси илмӣ дар соҳаҳои дахлдори илм ва таъмин будан бо кадрҳои илмии тахассуси олӣ оид ба ихтисосҳо ва соҳаҳои илме, ки аз рӯйи онҳо иқдоми таъсиси шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод мегардад, инчунин, мавҷуд будани докторантура аз рӯйи ихтисос, аспирантура, докторантура аз рӯйи ин ихтисосҳо, дар муассиса пешниҳод карда шавад.

78. ШЭ бояд ба лоиҳаҳои шиносномаҳои ихтисосҳо баҳо диҳад ва ба онҳо ворид намудани тағйироту иловаҳоро пешниҳод намояд.

79. Экспертҳо бояд ба мутобиқати интишороти мутахассисоне, ки барои шомил намудан ба ҳайати шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод шудаанд, ба ихтисосҳои шӯрои мазкур, баҳо диҳанд.

## 10. Таъмини ташкилии фаъолияти шӯроҳои экспертӣ ва назорати фаъолияти онҳо

80. Шуъбаҳои аттестатсионии дахлдори КОА шароити зарурӣ ва ёрии ташкилӣ ва методиро барои кори самараноки ШЭ таъмин менамоянд.

81. Корманди шуъбаи аттестатсионии дахлдор бидуни ҳуқуқи овози ҳалкунанда дар ҷаласаи ШЭ иштирок мекунад, ёрии зарурии методӣ мерасонад, иҷрои талаботи муқарраршударо ҳангоми баррасии масъалаи рӯзномаи ҷаласа ва тайёр намудани протоколҳои ҷаласаро назорат мекунад.

82. Корманди шуъбаи аттестатсионии дахлдори КОА парвандаро оид ба фаъолияти ШЭ мураттаб мекунад, ки дар он протоколҳои ҷаласаҳои шӯроҳои экспертӣ ва маводи марбутаи онҳо шомил мебошанд, инчунин, фаъолияти аъзои шӯроҳои экспертиро дар ҷаласаҳо ба ҳисоб мегирад.

83. Назорат бар фаъолияти шӯроҳои экспертиро роҳбарони шуъбаҳои аттестатсионии КОА, инчунин, роҳбарияти КОА амалӣ менамоянд.

84. Дар ҳолатҳое, ки ҷаласаи ШЭ бо вайронкунии тартиби муқаррагардида баргузор гардад, ё қарори қабулшуда ба қадри кофӣ асоснок набошад, роҳбарияти КОА ҳуқуқ дорад ба ШЭ дар бораи такроран баргузор намудани ҷаласаи ШЭ дархост пешниҳод намояд.

85. Ҳамасола то 20-уми январ шӯроҳои экспертӣ ҳисоботи фаъолияти яксолаи худро дар шакли хаттӣ ва электронӣ ба КОА пешниҳод менамоянд (Замимаи 6).

86. Раиси ШЭ ҳамасола дар ҷаласаҳои шӯрои дахлдори экспертӣ ва Раёсати КОА оид ба кори яксолаи худ ҳисобот медиҳад.

87. Музди меҳнати аъзои шӯроҳои экспертӣ ва мутахассисоне, ки ба сифати эксперт ба ҷаласаҳои алоҳидаи ШЭ даъват шудаанд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт карда мешавад.

88. Ҳама гуна ахбор оид ба фаъолияти шӯроҳои экспертӣ ҷанбаи махфият доранд. Аъзои шӯроҳои экспертӣ, инчунин, шахсони ба ҷаласаҳои ШЭ даъватшаванда барои ифшои ҷараёни баррасии парвандаҳои аттестатсионӣ оид ба додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ то вақти супоридани дипломҳу шаҳодатномаҳои тибқи тартиби муқарраршуда масъулият доранд.

Замимаи 1
ба Низомномаи
ШЭ

**ШИНОСНОМАИ МУТАХАССИС**
**(ИХТИСОСИ ИЛМӢ)**
**узви ШЭ КОА**

Насаб, ном, номи падар ________________ соли тав.
миллат __________ шаҳрвандӣ ______________________
хатм кард______________________________соли _______
Ихтисос_______________________________________
Номзади илм _________________________________ аз соли 19__ .
Доктори илм _________________________________ аз соли 19__ .
Унвони илмӣ _________________________________ аз соли 19__ .
Ҷойи кор ___________________________________________________
Вазифа _____________________________________________________
Соҳаи ихтисоси кори асосӣ __________________________________
Хусусияти машғулият аз рӯйи вазифа _________________________
Ихтисос (рамз)-е, ки аз рӯйи он диссертатсияи номзадӣ ҳимоя карда шудааст ______________________________________________

Ихтисос (рамз)-е, ки аз рӯйи он унвони дотсент дарёфт карда шудааст.

____________________________________________________________

Ихтисос (рамз)-е, ки аз рӯйи он диссертатсияи докторӣ ҳимоя шудааст.

____________________________________________________________

Ихтисос(рамз)-е, ки аз рӯйи он унвони профессор дарёфт карда шудааст.

____________________________________________________________

Ихтисос (рамз)-е, ки аз рӯйи он корҳои асосии илмӣ нашр шудаанд.

____________________________________________________________

1. __________________________________________________________
____________________________________________________________
____________________________________________________________

2. __________________________________________________________
____________________________________________________________
____________________________________________________________

3. __________________________________________________________
____________________________________________________________
____________________________________________________________

Ихтисоси асосии муҷовир  (рамз)-е, ки аз рӯйи он корҳои илмӣ нашр шудаанд.

______________________________________________

1. ____________________________________________
2. ____________________________________________
3. ____________________________________________

Ихтисоси иловагии муҷовир (рамз)-е, ки аз рӯйи он корҳои илмӣ нашр карда шудаанд.

1. ____________________________________________
2. ____________________________________________
3. ____________________________________________

НАТИҶА

Ихтисос (рамз)-е, ки аз рӯйи он дар ҳайати шӯро метавонад экспертиза гузаронад.

______________________________________________

Ихтисоси асосии муҷовир (рамз)- е, ки аз рӯйи он дар ҳайати шӯро метавонад экспертиза гузаронад.

______________________________________________

Ихтисоси иловагии муҷовир (рамз)- е, ки аз рӯйи он дар ҳайати шӯро метавонад экспертиза гузаронад.

______________________________________________

Мудири шуъбаи аттестатсионӣ

Замимаи 2
ба Низомномаи
ШЭ

## ВАРАҚАИ ҲУЗУРИ АЪЗОИ ШЭ

Ҷаласаи ШЭ аз "___" ________________ соли (*қарори*)

протоколи № ______________

| № | (насаб, ном, номи падар) (фехристи мукаммал (*)) | ҳозиршавӣ ба ҷаласа (имзо) | гирифтани бюллетен (имзо) |
|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 |

Раиси ШЭ _________ ________________________
(имзо) (насаб, ном, номи падар)

Котиби илмии ШЭ_________ ____________________
(имзо) (насаб, ном, номи падар)

Мудири шуъбаи аттестатсионӣ_____ _______________________
(имзо) (насаб, ном, номи падар)

***Эзоҳ:*** (*) Бо шомил намудани насаб, ном, номи падари мутахассисоне, ки иловатан бо ҳуқуқи овози ҳалкунанда ба рӯйхат дохил карда мешаванд.

Замимаи 3
Ба Низомномаи
ШЭ

# ХУЛОСАИ ЭКСПЕРТИЗА

| | |
|---|---|
| Эксперт | |
| Диссертатсия | |
| Довталаби дарёфти дарачаи илмӣ | |
| Мавзӯи диссертатсия | |
| Ихтисос | |

Баҳои диссертатсия ва мавод

| |
|---|
| Мубрам будан, мақсаднокӣ, афзалиятнокии таҳқиқот |
| Аҳаммияти илмӣ – амалии таҳқиқот ва натиҷаҳои илмӣ дар доираи талабот ба диссертатсияҳои докторӣ (номзадӣ) |
| Натиҷаҳои муҳимтарини бадастовардаи шахсии муаллиф ва навгонии онҳо |
| Дурустии таъйини ташкилоти тақриздиҳанда, муқарризон, инчунин мутобиқати муҳтавои диссертатсия бо ихтисос |
| |
| Дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада, сатҳи диссертатсия, мутобиқат ба нишонаҳои тахассусӣ |
| Мутобиқати мукаммалии таълифот, истифодаи натиҷаҳои бадастомада |
| Хулоса |
| |
| Имзо |
| Сана |
| |

Замимаи 4
ба Низомномаи
ШЭ

**БЮЛЛЕТЕН**

**барои овоздиҳии пӯшидаи аъзои ШЭ аз рӯйи илмҳои**

**_______________________________________________ дар ҷаласаи**

**ШЭ аз "___" ____________ соли 201__ № ______**

| насаб,ном, номи падари довталаби дарёфти дараҷа (унвони) илмӣ | соҳаи илм | намуди аттестатсия (масъалаи ба овоздиҳӣ гузошташуда нишон дода мешавад) | натиҷаи овоздиҳӣ (нолозимаш хат зада мешавад) |
|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 |
| | | | тарафдор-<br>муқобил- |

Замимаи 5
ба Низомномаи
ШЭ

**ПРОТОКОЛИ № ______**
**ҷаласаи комиссияи ҳисоби аз ҷониби ШЭ интихобшуда аз рӯйи илмҳои _______________________ ба ҷаласаи ШЭ аз "___" ___________ соли 201__ . №______**

Ҳайати комиссия:
____________________________________________________________
____________________________________________________________
(насаб, ном, номи падари аъзои комиссия)

Комиссия бо овоздиҳии пинҳонӣ оид ба масъалаи (*) интихоб шудааст
____________________________________________________________
дараҷаи илмӣ (насаб, ном, номи падар)
номзади (доктори) илмҳои ________________________(соҳаи илм)
Комиссия ____________________________________________________
(насаб, ном, номи падар)
раис интихоб намудааст

Ҳайати ШЭ дар ин ҷаласа бо теъдоди ____________________ _________ нафар (**) тасдиқ гардид.

Бюллетенҳои тақсим шуданд. _________________________________
Бюллетенҳои боқимондаи тақсимнашуда _____________________
Бюллетенҳои аз қуттӣ гирифташуда __________________________
Натиҷаҳои овоздиҳӣ:
Тарафдор____________________________________________________

Муқобил
Бюллетенҳои беэътибор ______________________________________
Раиси комиссияи ҳисоб_________ _____________________________
(имзо) (насаб, ном, номи падар)
Аъзои комиссияи ҳисоб_________ ____________________________
(имзо) (насаб, ном, номи падар)

(*) Масъалаи ба овоздиҳӣ гузошташуда нишон дода мешавад: додан, аз рӯйи натиҷа додан, аттестатсияи такрорӣ, барқароркунӣ, маҳрум кардани дараҷаи номзад (доктор)-и илм.

(**) Шумораи умумии аъзо, бо дохил намудани рӯйхати аъзои иловагӣ бо ҳуқуқи овоздиҳии ҳалкунанда.

Замимаи 6
ба Низомномаи
ШЭ

# ҲИСОБОТ
## дар бораи фаъолияти ШЭ дар соли 201__

ШЭ аз рӯйи соҳаи илмҳои ___________________________________
аз ____________________ соли 201__ тасдиқ шудааст.

Ҳисобот бояд фарогири маълумоти зерин бошад:

1. Маълумот дар бораи теъдоди ҷаласаҳои баргузоргардида.

2. Насаб, ном, номи падари аъзои Шӯро, ки дар аз нисф ками ҷаласаҳо иштирок кардаанд.

3. Таҳлили мухтасари диссертатсияҳое, ки аз ҷониби Шӯро дар давоми соли ҳисоботи бо ҷудокунии фаслҳои зерин баррасӣ шудаанд:

- таҳлили мавзуъҳои корҳои баррасишаванда;
- таҳлили дараҷаҳои истифода натиҷаҳои илмии корҳои баррасишуда;
- пешниҳодҳо доир ба истифодаи натиҷаҳои корҳои мушаххас.

4. Маълумот доир ба диссертатсияҳои баррасишуда барои дарёфти дараҷаи илмии доктор (номзад)-и илм.

| насаб, ном, номи падари довталаб | насаб, ном, номи падари роҳбар | рамзи ихтисос | дараҷаи илмӣ | мавзӯи диссертатсия |
|---|---|---|---|---|

5. Маълумот дар бораи дисертатсияҳое, ки дар пайвандгоҳи ихтисосҳо ба анҷом расонда шудаанд.

| насаб, ном, номи падари довталаб | насаб, ном, номи падари роҳбар | рамзи ихтисос | дараҷаи илмӣ | мавзӯи дисертатсия |
|---|---|---|---|---|

6. Маълумот дар бораи парвандаҳои аттестатсионии баррасишаванда барои дарёфти унвони илмӣ.

| насаб, ном, номи падари довталаб | дараҷаи илмӣ | унвони илмӣ | ихтисос |
|---|---|---|---|

Раиси ШЭ____________________ насаб, ном, номи падар
Котиби илмии ШЭ________________ насаб, ном, номи падар
Сана

Утвержден
решением Президиума Высшей
аттестационной комиссии при
Президенте Республики
Таджикистан
от 25 мая 2017 г., №2/5

# ПОЛОЖЕНИЕ
## ОБ ЭКСПЕРТНЫХ СОВЕТАХ ВЫСШЕЙ АТТЕСТАЦИОННОЙ КОМИССИИ ПРИ ПРЕЗИДЕНТЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

### 1. Общие положения

1. Настоящее Положение устанавливает порядок формирования и организации работы, определяет задачи и функции экспертных советов (далее - ЭС) Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан (далее - ВАК).

2. Экспертный совет - это научно-общественный экспертный орган, создаваемый для рассмотрения вопросов, связанных с подготовкой и аттестацией научных и научно-педагогических кадров высшей квалификации. ЭС осуществляет экспертизу диссертаций, защищенных в диссертационных советах, готовит заключения и рекомендации для Президиума ВАК по вопросу присуждения ученой степени, рассматривает аттестационные дела соискателей ученых званий, а также вопросы создания и функционирования диссертационных советов, другие вопросы деятельности государственной системы аттестации.

3. Экспертные советы создаются по отраслям наук из числа ведущих ученых - специалистов в соответствующих областях науки, техники, образования, культуры способствующих выработке рекомендаций и их реализации по важнейшим направлениям работы системы аттестации научных и научно-педагогических работников высшей квалификации.

4. Экспертные советы руководствуются в своей деятельности законами Республики Таджикистан «О научной и научно-технической экспертизы» (12.01.2012, №598), «О научной деятельности и государственной научно-технической политики» (18.03.2015, №1197), Положением о Высшей аттестационной ВАК Республики Таджикистан (17.06.2015, №504), Порядком присвоения учёных степеней и присуждения ученых званий(доцента,

профессора), Типовым положением о диссертационном совете, а также настоящим Положением и несут ответственность за выполнение возложенных на них задач.

## 2. Задачи экспертного совета

5. Задачами экспертного совета являются:

- научная экспертиза защищенных диссертаций и рассмотрение ходатайств о присвоении ученых званий профессора, доцента;
- обеспечение единых требований к соискателям ученых степеней и ученых званий;
- экспертиза материалов по формированию диссертационных советов в высших учебных заведениях и научных организациях;
- контроль деятельности диссертационных советов посредством проведения мониторинга заседаний и проверки документации диссертационных советов, а также ученых (научно-технических) советов в части, касающейся присвоения ученых званий профессора, доцента;
- анализ результатов диссертационных работ и оценка их соответствия приоритетным направлениям научно-технического и социального прогресса;
- участие в совершенствовании системы аттестации научных и научно-педагогических кадров высшей квалификации с учетом тенденций и перспектив развития науки, техники, образования и культуры;
- оценка и анализ соответствия тематики диссертационных работ приоритетным направлениям научно-технического и социально-экономического развития страны, с представлением ежегодного отчета с анализом тематики защищенных работ;
- участие в разработке и экспертизе паспортов специальностей совместно с соответствующими аттестационными отделами ВАК;
- выработка ежегодных рекомендаций для ВАК по совершенствованию Номенклатуры специальностей научных работников Республики Таджикистан, а также перечня специальностей, по которым присваиваются ученые звания в Республики Таджикистан, а также деятельности диссертационных советов, аспирантур и докторантур;
- выработка рекомендаций по включению в существующий перечень научных и научно-технических периодических изданий, рекомендованных для публикации основных научных результатов диссертаций, а также проведение ежегодной инспекции этих изданий на предмет соответствия требованиям к Правилам

формирования перечня рецензируемых научных периодических журналах и изданиях (утвержденного решением Президиума ВАК от 27.04.2017г., №1/2).

### 3. Функции экспертного совета

6. ЭС выполняет следующие функции:

- рассмотрение решений диссертационных советов и ученых (научно-технических) советов и подготовка рекомендаций президиуму ВАК по вопросам присуждения ученых степеней доктора философии (PhD), доктора по специальности, доктора и кандидата наук, присвоения ученых званий профессора и доцента;
- подготовка рекомендаций по формированию сети диссертационных советов;
- рассмотрение материалов по созданию, утверждению и частичным изменениям состава диссертационных советов, проведению разовой защиты и подготовка заключений об их соответствии установленным требованиям, согласно пунктам 15 - 17 Типовым положением о диссертационном совете;
- подготовка заключений по апелляциям на решения диссертационных советов;
- подготовка заключений по вопросам лишения или восстановления ученых степеней и ученых званий;
- подготовка предложений в ВАК по определению перечня ведущих научных журналов и изданий для опубликования основных научных результатов, содержащихся в диссертациях;
- проведение научной экспертизы защищенных диссертаций и аттестационных дел соискателей ученых степеней, включающей рассмотрение вопросов соответствия диссертации требованиям Порядок присвоения ученых степеней и присуждения ученых званий (доцента, профессора), указанной специальности, актуальности темы диссертации, ее соответствия приоритетным направлениям развития науки и техники, научной новизны, достоверности и обоснованности полученных результатов, их практической, экономической и социальной значимости;
